Дел/з
23828

Холбегим Давлатова



# Баррача



## АЗИЗАКОНИ МАН!

Фаромӯш накунед, ки табиат, ҳайвонот, набототот ва растаниҳо ба меҳру муҳаббати одамон ниёз доранд. Шеърҳои ин китоб завқи табиатдӯстии шуморо зиёд хоҳад кард.

*Холбегим Давлатова*

Холбегим Давлатова

# БАРРАЧА



МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
«КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН»
000094007
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Душанбе-2013
ТҶБ «Истиқбол»



## НАВБАҲОР

Омад фасли навбаҳор –
Навбаҳори киштукор.
Хоҳам, дар баҳори нав
Ба деҳқон барори нав.
Омад фасли навбаҳор,
Боғу чаман гулнисор.
Борони дашт сар кард,
Лолачинӣ хабар кард.
Мо, баччаҳо, давидем,
Ба дашту кӯҳ расидем.
Раҳ ба раҳ дар чашмаҳо
Дидем мо акси худро.
Омад фасли навбаҳор,
Турнаҳо қатор-қатор.
«Муборак бошад баҳор!» –
Гӯяд ба мо обшор.

# БАРРАЧА

Дорам зебо баррача,
Дандонҳояш аррача.
Ду чашмакаш – пиёла,
Фақат дар гирди хола.
Аз ҳавлӣ наравад дур,
Аз сагча нагирад тӯр.
Баррачаам ҷудо зӯр,
Чунки номаш «Баҳодур».





## ХУРӮСАК

Хурӯси тоҷдорам,
Хурӯси паҳлавон аст.
Дар ҳавлии ҳамсоя
Нохонда ӯ меҳмон аст.

Тоҷаш ба ранги анор,
Худаш шӯху беқарор.
Бо нӯлакаш доимо
Замин мекунад шудгор.

Бо хурӯси ҳамсоя
Ғавғо кунад дар соя.
Хурӯсакам ҷангара,
Ҷояш паси панҷара.



## ДУГОНАҲО

Дугонаам – Парвона
Кабки дарии хона.
Ёрирасони модар,
Ороми ҷони модар.

Мо аз хурдӣ дугона –
Анори дона-дона.
Ҳарду ҳамеша як ҷо,
Мо – ду мағзи як дона.

Ман ба ғайри Парвона
Бо офтоб дугона.
Ҳар саҳарӣ нуракаш
Занад ба мӯям шона.

Дугонаи ман зебо,
Кокулонаш пурҷило.
Рухсораҳояш тило,
Хандааш бахти дунё.

Ману офтоб бегоҳӣ,
Бо лутфу меҳрхоҳӣ.
Хайрухуш менамоем,
Дастфишон то пагоҳӣ.



## МАРҶОНА

Дар гардани Марҷона –
Марҷони дона-дона.
Сафеду сарду рахшон
Чун барфи боми хона.

Чун арчаи Соли Нав
Марҷона, бин, шукуфта.
Сад лутфу меҳрубонӣ
Дар дидаҳо нуҳуфта.

Пӯшида куртаи сабз,
Бар сар ниҳад агар тоҷ,
Бар арчаи Соли Нав
Набвад дигар эҳтиёҷ.




**ХОЛБЕГИМ ДАВЛАТОВА**

**Баррача**

(маҷмӯаи шеърҳо барои хурдсолон)

ш. Душанбе ТЧБ «Истиқбол», 2013
хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16
Тел: (+99237) 238-53-01; (918) 82-94-75
**E-mail:** istiqbol.tj@list.ru
**Website:** www.istiqbol.com


## ЗИМИСТОНИ ДЕҲА

Фасли зимистон омад,
Сармо зи дар даромад.
Барфи баланд борид,
То як каланд борид.

Мо, баччаҳо, шодона,
Баромадем аз хона.
Бобои барфӣ сохтем,
Хонда ба ҳам тарона.

Ногоҳ шамоли сахте
Аз дур омад, танаш рӯфт.
Вале бобои барфӣ,
Хомӯш, по намекӯфт…

Рӯзи дигар офтоб
Баромаду кард об.
Дигар мо бе баҳона
Рафтем хона-хона!

# ҲАВЛИИ БОБОМ

Фардо рӯзи якшанбе
Меравам ба Душанбе.
Ба ҳавлии бобоям,
Ба пешаки момоям.
Маро асал, мегӯянд,
Нашав касал, мегӯянд.
Ҳарду шеъру тарона,
Ҳам қиссаю афсона
Ҳар шаб бароям хонанд,
То, ки маро хобонанд.




Муассис: Латофат Кенҷаева
Муҳаррир: Юсуфҷон Аҳмадзода
Мусаввир: Абдусалом Абдуллоев
Ороишгар: Комрон Раҳмонзод
Мусаҳҳеҳ: Ганҷина Муллоҷонова

Ба чоп 05/12/2013 супорида шуд. Ба чопаш 15/12/2013 имзо шуд. Андозаи А4. Ка…
Ҷузъи чопию ҳисо…

Дар интишороти «Imak-ofset» ба чоп расид.

ISBN 978-99947-53-94-9



000094007
Китобхонаи миллии Тоҷикистон